**Қарори № 2**

Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022-и назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иштирок доштанд:
Аз 20 нафар аъзои Шӯрои
диссертатсионӣ 15 нафар,
аз рӯйи ихтисос 6 нафар

аз 2 апрели соли 2020

**Рӯзнома:**

1.Дар бораи иҷозат додани диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯи «**Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик (мушовири илмӣ д.и.ф., академик Имомзода М. С.).

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. дар бораи мавҷуд будани коркард ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иҷозат додани диссертатсия ба ҳимоя.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Гулназарова Ж. Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Абдуқодирзода Саидмукаррам – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст. Хулосаи комиссияи ташхис бо имзои аъзоёни комиссияи ташхис вуҷуд дорад.

Бинобар ин, барои иҷозат додани диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯи **«Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик (мушовири илмӣ д.и.ф., академик Имомзода М. С.) ба ҳимоя иҷозат дода шавад;

2. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод шавад;

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ, Директори Китобхонаи марказии илмии ба номи И. Гандии Академияи илмҳои ҶТ **Сӯфизода Шодимуҳаммад**, доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷикӣ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров **Насриддинов Фахриддин Абдуманонович** ва доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Восиева Рухшона Қурбоновна**;

4.Таърихи рӯзи ҳимоя 06. 07. 2020 муайян карда шавад;

5.Барои гузоштани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва сомонаи КОА назди Президенти ҶТ иҷозат дода шавад;

6.Барои чопи автореферат ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор – 15 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.